«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи
сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат,
н.и.и., дотсент
_________ Асрорзода У.С.
аз «___» ________ 2020

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Солиев Беҳрузҷон Назарович дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби бухгалтерӣ, аудит ва омор пешниҳод гардидааст**

**Рӯзмаррагии мавзӯи тадқиқот.** Қарз ва муносибатҳои қарзӣ яке аз категорияҳои муҳими илми иқтисодӣ ба шумор рафта, омӯзишу тадқиқи он дар ҳама давру замон, алалхусус дар марҳилаи муосири рушди иқтисодӣ, актуалӣ арзёбӣ мешаванд. Аз дигар тараф, дастрасии субъектҳои хоҷагидорӣ ба қарзҳои бонкӣ аз шартҳои пешгузоштаи муассисаҳои қарзӣ вобастагӣ дорад, ки айни замон воқеияти ин шартҳо ба рушди иқтисодӣ мусоидат наменамоянд ва таҳлилу таҳқиқи ҳаматарафаро тақозо менамоянд.

Бе истифодаи усулҳои гуногуни таҳлили оморӣ коркарди стратегияи дурусти рушди низоми қарзӣ ғайриимкон аст. Тавассути омор равандҳои рушд таҳлил карда шуда, алоқамандии мутақобилаи омилҳои гуногун, ки ба механизми амалисозии фаъолияти қарзии ташкилоту бонкҳо таъсир мерасонанд, муайян ва натиҷаҳои онҳо баҳодиҳӣ мешаванд. Бо истифода аз усулҳои омории тадқиқот, нишондиҳандаҳои гуногунро таҳлил намуда, дар асоси он барномаҳои нави қарзиро коркард ва амалӣ сохтан мумкин аст.

Омори бонкӣ ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёти дилхоҳ мамлакат буда, вазифаҳои асосии он дастраскунии иттилооти зарурию дақиқ барои тавсифи самаранокии амалиётҳои бонкӣ, коркарди маводҳои таҳлилӣ барои идоракунии низоми пулию қарзӣ ба ҳисоб мераванд.

Умуман. дар шароити афзудани талаботи субъектҳои иқтисодӣ ба воситаҳои қарзӣ, бо назардошти аҳамияти хеле калони қарз барои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, проблемаи пешниҳоди шартҳои мусоиди қарздиҳӣ аз тарафи бонкҳо характери хеле мубраму актуалӣ пайдо кардааст. Бонкҳои тиҷоратии кишвар ба ин масъала кам аҳамият медиҳанд, ки дар натиҷа қарзҳои бонкӣ

барои қисми зиёди корхонаҳо дастнорас гардида, рушди мунтазами онҳо таъмин намегардад ва ин дар навбати худ ба яке аз омилҳои асосии ҳолати бӯҳронии иқтисодиёти кишвар табдил ёфтааст.

Бинобар ин, мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда, ки тадқиқу ошкор намудани таъсиррасонии шартҳои гуногуни қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти кишварро дарбар мегирад, хеле муҳиму рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи асосноккунӣ ва мӯътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида.** Шиносоӣ бо мазмуну мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф миқдори зиёди асарҳои илмии олимон-иқтисодчиёни пешбари хориҷи дуру наздикро омӯхтааст, ки аз муносибати ҷиддии диссертант ба муаммои тадқиқшаванда дарак медиҳад.

Дараҷаи асосноккунӣ ва мӯътамад будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида бо истифодаи ҳаҷми калони маводҳои соҳаи бонкдории мамлакат, нишондиҳандаҳои омории Агентии омори назди Президенти ҶТ, истифодаи усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ, ҳамчунин рӯ овардан ба асарҳои илмии олимони соҳа оид ба проблемаи тадқиқшаванда тасдиқи худро ёфтаанд.

Доир ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 9 мақола ба чоп расонидааст, ки ин 3,2 ҷ.ч.-ро (2,8 ҷ. ч. аз тарафи муаллиф) ташкил дода, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия чоп шудаанд. Автореферат ва корҳои нашршуда мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло аз дараҷаи кофии асоснок будани хулоса ва тавсияҳои муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Ҳамзамон дар рафти тадқиқот самтҳои гуногуни илмии таҳлили иқтисодӣ-омории фаъолияти бонкӣ ҳамчун як соҳаи калидӣ дар устувору мукаммалгардонии иқтисодиёти миллӣ таҳлил, хулосабарорӣ ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Сатҳи навгонии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, пеш аз ҳама, дар он дида мешавад, ки ӯ кӯшиш намудааст хусусиятҳои шартҳои қарздиҳии бонкиро ҳамчун омили махсуси таъмини рушди устувори иқтисодиёт дар ҳамбастагӣ бо муаммоҳои умумииқтисодӣ муайян созад.

Чунин нуктаҳои навгонии илмии рисоларо арзишманд ҳисобидан мумкин аст:

- дар асоси таҳлилҳои назариявӣ мафҳуми “шарти қарзи бонкӣ” илман асоснок карда шуда, муқаррар карда шудааст, ки сатҳи таъсиррасонии тағйирёбии нишондиҳандаҳои шартҳои қарзи бонкӣ мутаносибан ба

тағйирёбии рушди иқдисодиёт мусоидат менамояд;

- вобаста аз ҳолати имрӯзаи қарздиҳии ташкилотҳои бонкии кишвар, модели иқтисодӣ-омории таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ таҳия карда шуда, ҳиссаҳои таъсиррасонии се омили асосӣ: сатҳи сифати сандуқи қарзӣ, дараҷаи мукаммалгардонии пояи (базаи) захираҳои бонкӣ ва сатҳи майлшавии субъектҳои хоҷагӣ ба пасандозҳо (амонатҳо) ба сатҳ ва динамикаи таъмини иқтисодиёт бо қарзҳои бонкӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст;
- бо истифода аз усули гурӯҳбандии аналитикӣ (таҳлилӣ), таҳлилҳои коррелиятсионӣ ва регрессионӣ муайян карда шудааст, ки дар ҳолати сабукгардии шартҳои қарзи бонкӣ суръатафзоӣ ва дар мавриди вазнингардӣ коҳишёбии рушди иқтисодӣ ба вуқӯъ меояд;
- барои таҳлили ҳамаҷонибаи шартҳои қарзи бонкӣ истифодаи индекси “NetPercen-tage” ва “индекси диффузӣ” дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавӣ ба мақсад мувофиқ дониста шудааст.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар он дида мешавад, ки тавсияву пешниҳодҳои дар натиҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд аз тарафи БМТ ва сохторҳои минтақавии он, ташкилоту муассисаҳои қарзии мамлакат ва корхонаҳои алоҳида ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода шаванд. Истифодаи ин тавсияву пешниҳодҳо метавонанд ба устуворгардии вазъи молиявию иқтисодии корхонаю муассисаҳо мусоидат намоянд.

Ҳамчунин, баъзе қисмҳои алоҳидаи диссертатсияро дар мактабҳои олию махсус ҳангоми тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои бонкдорӣ, омор, молия ва қарз истифода бурдан мумкин аст.

Рисолаи диссертатсионӣ аз сарсухан, се боб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат аст.

Дар сарсухан муҳимияти мавзӯи тадқиқот, дараҷаи омӯзиши масъала дарҷ гардида, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва предмети тадқиқот мушаххас карда шудаанд. Инчунин навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаҳои назарраси тадқиқот, ки ҷанбаи навоварии илмӣ доранд ва шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст омадаанд, нишон дода шудаанд. Муаллиф аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва иқтисодии натиҷаҳои ба дастомада, заминаҳои назариявӣ, методологӣ ва иттилоотии тадқиқотро муфассал зикр карда, тамомияти дарҷшавии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсиониро дар нашрияҳо нишон додааст.

Дар боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқоти омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти

миллӣ” аҳамияти омӯзиши моҳият ва нақши шарти қарзи бонкӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ, системаи нишондиҳандаҳои омории шартҳои қарзи бонкӣ, инчунин пурсиш ҳамчун манбаи асосии иттилоот барои таҳияи системаи нишондиҳандаҳо ва усулҳои таҳлили шартҳои қарзи бонкӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Диссертант дар натиҷаи омӯзишу муқоисаи ақидаҳои олимони гуногун ба хулосае омадааст, ки ҳарчанд қарзи бонкӣ дар рушди иқтисодиёт нақши муҳимеро мебозад, лекин то ҳол дар баррасии ин масъала ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Дар натиҷаи тадқиқи нақши қарзи бонкӣ дар рушди иқтисодиёт дуруст қайд карда шудааст, ки аз як тараф, агарчи, қарзи бонкӣ нақши худро тавассути функсияҳои қарз иҷро намояд, аз дигар тараф, нақши қарзи бонкӣ дар сатҳи макроиқтисодиёт тавассути таносуби андозаи қарзҳои додашуда ё бақияи қарзҳои бонкӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) зоҳир мешавад. Дар ин замина дар диссертатсия динамикаи ММД ва бақияи қарзҳои бонкӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2015-2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ва таҳлил карда шудааст (саҳ.20-24).

Ҳақ ба ҷониби диссертант аст, ки дар натиҷаи таҳлили омӯзиши таҷрибаи бонкҳои марказии ҷаҳон зикр кардааст, ки яке аз омилҳои муҳиме, ки ба рушди иқтисодиёт таъсири мухталиф мерасонад, ин шарти қарзи бонкӣ мебошад. Аз рӯи ақидаи муаллиф, шарти қарзи бонкӣ ин талаботи махсусест, ки аз ҷониби ташкилоти бонкӣ ба мизоҷ барои пайдо намудани дастрасӣ ба қарз пешниҳод карда мешавад ва аз дигар ҷониб, мизоҷ маъқул кардан (ё накардани) талаботи пешниҳодгардидаи бонкро муайян менамояд.

Дар диссертатсия барои ҷамъоварии иттилооти зарурӣ доир ба шартҳои дастрасии қарзҳои бонкӣ усули пурсиши оморӣ пешниҳод ва хеле васеъ баррасӣ карда шуда, аз тарафи муаллиф лоиҳаи варақаи пурсишнома таҳия карда шудааст, ки дар амалия бояд натиҷаҳои хуб диҳад (саҳ.27-39).

Аз нуқтаи назари муаллиф, таҳияи низоми нишондиҳандаҳои шартҳои қарзи бонкӣ бояд ба заминаҳои қатъии назариявӣ ва методологӣ асоснок кунонида шуда, ба як қатор талаботҳои муайян ҷавобгӯ бошанд. Ҳамчунин низоми нишондиҳандаҳои омории шартҳои қарзи бонкӣ ба таври схемавӣ пешниҳод карда шудааст.

Боби дуюм “Усулҳои таҳлили таъсири нишондиҳандаҳои омилӣ ба сатҳи таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ” ном дошта, дар он услуби махсуси омории таҳлили сатҳ ва динамикаи таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ

баррасӣ гардида, модели иқтисодӣ-омории таҳлили омилии таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ пешниҳод карда шудааст, ҳамчунин андозагирии омории таъсири индикаторҳои асосии шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёт таҳлил гардидааст.

Муаллиф дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои қарздиҳӣ (ҷадв.5-7) қайд менамояд, ки дар шароити имрӯзаи қарздиҳии ташкилотҳои бонкӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳими таҳлили оморӣ ин тавсиф намудани динамикаи маҷмӯи сохтори қарзҳои додашуда мебошад.

Дар рисола дар натиҷаи коркарди модели иқтисодӣ-омории таҳлили омилии таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ таносуби андозаи додашудаи қарзҳои бонкӣ ва ҳаҷми ММД дар ҶТ дар солҳои 2010-2018 дар ҳамбастагӣ бо сифати сандуқи қарзӣ ва сатҳи хавфҳои бонкӣ васеъ таҳлил карда шудааст. Дар робита ба ин масъала муаллиф қайд кардааст, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ қадаре ки пешниҳоди андозаи қарзҳои бонкӣ зиёд бошад, ҳамон қадар ҳаҷми ММД меафзояд. Заминаи чунин хулосабарориро натиҷаи гурӯҳбандии аналитикии гузаронидашуда ташкил кардааст (ҷадв.12).

Боби сеюми диссертатсия "Ташкил ва инкишофи таҳқиқоти омории шартҳои дастрасии қарзи бонкӣ" ба ташкили таҳқиқоти омории шартҳои дастрасии қарзи бонкӣ, истифодаи индексҳои шартҳои қарзӣ дар таҳлили бозори қарзи бонкӣ ва дурнамои самтҳои рушди таҳқиқоти омории шартҳои қарзи бонкӣ бахшида шудааст.

Омӯзиши маводҳои гуногун ва таҳлили таҷрибаи бонкҳои марказии ҷаҳон доир ба шартҳои қарзи бонкӣ муаллифи диссертатсияро водор намудааст, ки самтҳои асосии инкишофи таҳқиқоти омории шартҳои қарзи бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намояд.

Дар рафти таҳқиқот муаллиф чунин натиҷагирӣ намудааст, ки нишондиҳандаи тағйирёбии шартҳои қарзи бонкӣ индикатори муҳими иқтисодӣ буда, дорои қобилияти пешгӯишаванда нисбати тағйирёбии ҳаҷми қарзи бонкӣ ва ММД-и воқеӣ мебошад. Дар ҳолати вазнинтар гардидани шартҳои қарзи бонкӣ, аз нуқтаи назари макроиқтисодӣ ва молиявии шартҳои амалигардонии иқтисодиёт, эҳтимолияти пастшавии ҳаҷми қарздиҳӣ ва коҳишёбии истеҳсоли ММД меафзояд. Муаллиф муайян намудааст, ки шартҳои ғайринархии қарзӣ дар худ бештар иттилоотро доир ба тамоюлҳои ояндаи бозори қарзӣ доранд.

Таҳлили ҳаҷми калони маводҳо ба Солиев Б.Н. имконият додаанд, ки якчанд хулосаю тавсияҳои мушаххас пешниҳод намояд, ки амалисозии онҳо

ба сабукгардии шартҳои қарзи бонкӣ дар ҷумҳурӣ, рушди ояндаи низоми бонкӣ, такмили низоми қарздиҳӣ ва таҳлили он мусоидат хоҳанд кард. Хулосаю пешниҳодҳои асоснокнамудаи муаллиф бояд аз тарафи БМТ ва ташкилотҳои қарзии кишвар, муассисаҳои илмию мактабҳои олӣ ва соҳибкорон мавриди омӯзишу истифодабарӣ қарор гиранд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии аз тарафи муаллиф нашргардида мӯҳтавои асосии кори диссертатсиониро дарҷ карда, аз аҳамияти баланди назариявию амалӣ бархурдоранд ва дар таъмини иқтисодиёти миллӣ бо воситаҳои қарзии дастрас саҳми мушаххасе хоҳанд гузошт.

Хулосаи гуфтаҳои боло далели онанд, ки диссертатсияи Солиев Б.Н. дар сатҳи баланди касбии илмӣ иншо гардида, аҳамияти калони илмию амалӣ дорад.

Бо вуҷуди ин, ба фикри мо, дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, рисолаи диссертатсионии тақризшаванда дорои як қатор камбудию норасогиҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Дар заминаи назариявии кори тадқиқотӣ ба фикру ақидаҳои олимони ватанӣ хеле кам арҷгузорӣ карда шудааст, ҳол он ки дар оғози рисола қайд мегардад, ки доир ба мавзӯи тадқиқот доираи муайяни олимони ватанӣ кор кардаанд.

2. Аҳамияти назариявӣ-амалии тадқиқот зиёдтар мегардид, агар он дар заминаи объекти мушаххас (бонк ё гурӯҳи бонкҳо) гузаронида мешуд.

3. Механизми татбиқи амалии модели иқтисодӣ-омории таҳлили омилии таъмини иқтисодиёт бо қарзҳои бонкӣ баррасӣ нашудааст.

4. Масъалаҳои таъсири коҳишёбии сатҳи боварии мизоҷон ба бонкҳо ва муфлисшавии бонкҳо ба дараҷаи таъмини иқтисодиёт бо қарзҳои бонкӣ ба таври зарурӣ баррасӣ нашудаанд.

5. Дар рафти тадқиқот санадҳои гуногуни омории низоми бонкии ҶТ истифода шудаанд, вале дар руйхати адабиётҳои истифодашуда оварда нашудаанд.

Бояд қайд намуд, ки камбудию норасогиҳои нишондодашуда арзишу аҳамияти рисолаи иҷронамудаи Солиев Б.Н.-ро кам намекунанд.

Мазмуни асосӣ ва хулосаҳои тадқиқот дар конфронсу семинарҳои сатҳи гуногун дар шакли маърӯзаҳо баррасӣ гардидаанд.

Дар умум, рисолаи диссертатсионии тақризшаванда тадқиқоти анҷом-ёфтаи проблемаи муҳимро дар худ таҷассум намуда, дорои навовариҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ мебошад. Он мувофиқи талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ тайёр карда

шудааст ва мувофиқан муаллифи он Солиев Беҳрӯзҷон Назарович лоиқи дадараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 00.08.12 - Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор мебошад.

Такриз дар ҷаласаи муштараки кафедраи фаъолияти бонкӣ ва кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (протоколи №1 аз 30 августи с.2020) муҳокима ва тасдиқ шудааст.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи фаъолияти бонкии**
**Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Исмоилов А.А.**

**Котиби ҷаласа** **Маматкулова Ш.**

**Эксперт,** мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Каримов Б.Ҳ.**

Суроғаи донишкада: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе , х. Борбад, 48/5,
тел: (+992 37) 2348800 (03), 907-755-655
e-mail: dsx_ips@mail.ru, web: www.dsx.tj

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Ҷӯраев Ш.